БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН[1] ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023

*Дар натиҷаи чораандешии танзимӣ дар самти зиёд намудани буферҳои сармоявӣ, пардохтпазирӣ, инчунин беҳтар гардидани сифати дороиҳо, дар семоҳаи якуми соли 2023 низоми бонкӣ бар муқобили хавфҳои мавҷуда истодагарӣ намуда, фаъолияти бемамонияти худро таъмин намуд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар ҷамъбасти семоҳаи якуми соли 2023 меъёри кифоятии сармоя дар низоми бонкӣ (К1-1) ба 25,9 фоиз баробар гардид, ки аз талаботи муқарраршуда 13,9 банди фоизӣ (б.ф.) ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 3,6 б.ф. зиёд мебошад. Дар ин давра сармояи танзимшаванда ва дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашудаи низоми бонкӣ мутаносибан ба андозаи 24,4 ва 7,0 фоиз афзоиш ёфта, ба зиёд шудани меъёри кифоятии сармоя (К1-1) мусоидат намуд. Меъёри К1-3 (сармояи танзимшавандаи дараҷаи 1 нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда) бошад, нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 1,8 б.ф. афзоиш ёфта, ба 18,7 фоиз баробар гардид.

Мавриди зикр аст, ки аз сатҳи талаботи ҳадди ақал баланд қарор доштани нишондиҳандаи меъёри кифоятии сармоя ба кам шудани талафоти эҳтимолии молиявӣ ва таъмини фаъолияти бемамонияти низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

**Пардохтпазирӣ.** Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом ба талаботи меъёри мақбул мутобиқ буда, 88,4 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба семоҳаи якуми соли 2022 ба андозаи 6,0 б.ф. кам мебошад.

*1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ*




*2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)*




[1] *Бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва ТАҚХ*

Сатҳи пардохтпазирии бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ низ дар сатҳи муносиб қарор дошта, 89,6 фоизро ташкил намуд.

**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯи дороиҳо ва сармоя дар сатҳи мӯътадил нигоҳ дошта шуда, мувофиқан 4,4 фоиз ва 22,3 фоизро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 мутаносибан ба андозаи 0,2 б.ф. ва 2,0 б.ф. зиёд мебошанд.

Мавриди қайд аст, ки бо фоида ҷамъбаст гардидани фаъолияти аксари ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи ҳисоботӣ ба афзоиши нишондиҳандаҳои мазкур мусоидат намуд.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ аз 14,2 фоиз дар интиҳои моҳи марти соли 2022 то ба 11,5 фоиз дар давраи ҳисоботӣ коҳиш ёфт.

Нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол бошад, дар ин давра ба 101,0 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи марти соли 2022 ба андозаи 18,5 б.ф. зиёд мебошад.

**Хавфи асъорӣ.** Дар интиҳои семоҳаи якуми соли 2023 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар низоми бонкӣ дароз ҷамъбаст гардида, андозаи он 0,1 фоизро ташкил намуд, ки ба меъёри муқарраршуда (К6-1) мувофиқ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи қарзҳои асъорӣ дар муқоиса ба моҳи марти соли 2022 ба андозаи 5,3 б.ф. ва пасандозҳои асъорӣ ба андозаи 3,2 б.ф. коҳиш ёфта, мувофиқан 29,2 фоиз ва 44,7 фоизро ташкил намуданд, ки аз тадриҷан паст шудани раванди долларикунонӣ ва хавфҳои асъорӣ дар низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳанд.

*3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя*




*4. Сифати сандуқи қарзӣ*




*5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ*




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ*